ҚАРОРИ №66/02-ИҲ
шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

аз 06 майи соли 2023 ш. Душанбе

Ба ҳимояи такрорӣ иҷозат додани диссертатсияи Давлятбоева Сарвиноз Абдумаликовна дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш (дар мисоли Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, тасдиқи муқарризони расмӣ ва муассисаи такриздиҳанда

Шурои муштараки диссертатсионӣ аз рӯйи масъала гузориши раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ Гулмадов Ф., аъзои комиссияи экспертӣ – Негматов С.Э., Иматзода Л.М. ва Туронов С.Ш.-ро шунида, бо дарназардошти андешаву мулоҳиза ва пешниҳоди аъзои шуро

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Давлятбоева Сарвиноз Абдумаликовна дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули фаъолнокии маърифатии донишҷӯён дар машғулиятҳои сотсиологияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш (дар мисоли Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва тахсилот ба ҳимояи такрорӣ иҷозат дода шавад.

2. **Ба сифати муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва **ба сифати муқарризони расмӣ**: Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров ва Давлатов Дилшод Разоқович - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи илмҳои ҷамъиятӣ ва гуманитарии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов таъин карда шаванд.

3. Барои ҷойгирсозии эълони ҳимоя дар сомонаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ҳамчунин нашр ва паҳн кардани автореферат иҷозат дода шавад.

4. Рӯзи ҳимоя 10 июли соли 2023 таъин карда шавад .

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ **Гулмадов Ф.**

Котиби илмии шурои
диссертатсионӣ, н.и.п. **Каримзода М.**

"Имзои Ф. Гулмадов ва М.Каримзодаро тасдиқ мекунам"

Нозири кадрхои АТТ М. Саидова